آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

25 июни соли 2022
Шанбе
№ 51 (14856)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Роҳи асосии бартариноки бунёди Ўзбекистони Нав такомули идораи давлатӣ, коҳиши қашшоқӣ ва то соли 2030 дохил шудан ба қатори мамлакатҳои дараҷаи даромадаш аз миёна боло, таъмини рушди иҷтимоии фарогир, мустаҳкам намудани некҳамсоягӣ ва суботнокӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.*
*Мо ба ҳамкории васеи байналхалқӣ барои якҷоя ноил гардидан ба Мақсадҳои рушди суботнок, инчунин ҳамдастӣ дар ҳайати «Ҷануб – Ҷануб» кушода ва пайрав ҳастем.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҶОНИБДОРИ ҲАМКОРИИ ВАСЕИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР МУВАФФАҚ ГАРДИДАН БА МАҚСАДҲОИ РУШДИ УСТУВОР МЕБОШАД




**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сӣ Сзинпин 24 июн дар Мулоқоти дараҷаи олӣ оид ба масъалаҳои рушди ҷаҳонӣ дар шакли «БРИКС плюс» иштирок намуд.**

Иштирокдорони анҷумани онлайн, ки зери раисии ҷониби Чин баргузор гардид, роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои 18 мамлакати ҷаҳон гардиданд. Ҳамзамон бо пешвоёни Ўзбекистон ва ҶМЧ Президенти Алҷазоир Абдулмаҷид Таббун, Президенти Аргентина Алберто Фернандес, Президенти Миср Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ, Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Модӣ, Президенти Индонезия Ҷоко Видодо, Президенти Эрон Иброҳим Раисӣ, Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Русия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ Сирил Рамафоса, ноиб-президенти Бразилия Гамилтон Моурау ва ҳамчунин роҳбарони ҳукуматҳои Камбоҷа, Малайзия, Таиланд, Фиҷӣ ва Эфиопия иштирок доштанд.

Масъалаҳои ҳамкории гуногунҷанба дар соҳаҳои бехатарӣ ва субот, васеъ намудани ҳамкории амалӣ дар соҳаҳои савдо ва сармоягузорӣ, иқтисодиёти «сабз», технологияи баланд ва инноватсия, рақамисозӣ, нақлиёт ва логистика, экология, инсонпарварӣ баррасӣ гардиданд.

Дар нутқи худ Президенти Ўзбекистон аҳамияти махсуси гуфтугӯро дар ҳайати «БРИКС плюс» чун майдони бархоста барои шарикии фарогир дар пешбурди Мавзӯи рушди устувор таъкид намуд.

Таъкид шуд, ки ҷаҳони имрӯза таҳаввулоти амиқро аз сар мегузаронад, ки дар пай чандин тамоюли нигаронкунанда, мисли шиддат гирифтани вазъи байналхалқӣ ва зуҳур гардидани аломатҳои буҳрони низомноки иқтисодиро дорад. Эътибори иштирокдорон ба он нигаронда шуд, ки дар чунин шароит Ўзбекистони Нав, ки дар асоси принсипи «Манфиати инсон аз ҳама боло» ислоҳотро муттасил идома медиҳад, барои ҳамкории васеи байналхалқӣ, инчунин ҳамкорӣ дар ҳайати «Ҷануб – Ҷануб» омода аст.

Барои бартараф намудани оқибати падидаҳои буҳронӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон аҳамияти қабул намудани чорабиниҳои ҳамоҳанггардида дар бобати бартарафсозии мамониатҳои савдо, ба вуҷуд овардани занҷирҳои нави тавлидотӣ ва логистикӣ, ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои ҳамкорӣ ва инфрасохтор ва ҳамчунин табодули технология ва татбиқи инноватсия, амиқсозии ҳамкорӣ дар соҳаҳои зеҳни сунъӣ, рақамисозӣ, биотехнология, коркарди ваксин таъкид шуд.

Бо мақсади пеш бурдани лоиҳаҳои муштарак ва ташаббусҳо ба кор андохтани Анҷумани доираҳои корчаллони «БРИКС плюс» пешниҳод гардид.

Президенти Ўзбекистон ҷонибдории худро барои пурзӯр намудани равобити нақлиёту коммуникатсия ва дохил намудани минтақаи мо ба хатсайри фароқитъавии «Шимол – Ҷануб» ва «Ғарб – Шарқ» изҳор намуд.

Даъвати СММ дар заминаи таъмини табодули суботнок ва шаффофи амволи озуқаворӣ дар бозорҳо дастгирӣ гардид.

Яке аз самтҳои калидӣ татбиқи барномаҳо дар соҳаи коҳиш додани қашшоқӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, фаъолсозии ҳамкории бисёрҷониба доир ба масъалаҳои мавзӯи иқлим ва рушди зарфияти инсонӣ муайян карда шуд. Манфиатдории мамлакатамон дар иштирокаш дар барномаҳои Лигаи донишгоҳҳо ва Донишгоҳи шабакавии БРИКС ва ҳамчунин дар соҳаи таълими касбӣ ва сиёсати ҷавонон иброз гардид.

Ҷониби Ўзбекистон ба сифати раис дар Созмони ҳамкории Шанхай инчунин таҳияи механизми ҳамдастии амалии БРИКС ва СҲШ-ро пешниҳод намуд.

Дар поёни сухан Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки баргузор намудани Мулоқот дар шакли «БРИКС плюс» бори дигар омодагии умумиро барои ҳарчи зудтар бартараф намудани ситезаҳои умумӣ, таъмини суботнокии ҷаҳонӣ ва рушди устувори мамлакатҳоямон зоҳир намуд.

Дар баромади пешвоёни дигари хориҷӣ инчунин тезисҳо дар бораи аҳамияти васеъ намудани шарикии ҷаҳонӣ ва ҳамкории мутақобилан муфид дар пешбурди Рӯзномаи маҷлис дар соҳаи рушди устувор то соли 2030 садо доданд. Самтҳои истиқболноки гуфтугӯи бисёрҷониба дар соҳаҳои иқтисодиёт, сармоягузорӣ, инноватсия ва технологияи «сабз», савдо, нақлиёт ва коммуникатсия, экология, дигар соҳаҳои афзалиятнок муайян гардиданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ЗИМНИ МУЛОҚОТИ ДАРАҶАИ ОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ҶАҲОНӢ ДАР ҲАЙАТИ «БРИКС ПЛЮС»

*Муҳтарам ҷаноби Раис!*

*Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!*

*Аз хайрамақдам гуфтани тамоми иштирокдорони анҷуман самимона хушҳолам.*

*Бо қаноатмандӣ суханони ҳамтоёнамро дастгирӣ менамоям ва ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Сӣ Сзинпин барои ташаббусаш дар бобати баргузорнамоӣ ва даъвати иштирок дар Мулоқоти дараҷаи олӣ оид ба масъалаҳои рушди ҷаҳонӣ изҳори сипос менамоям.*

*Ба он суханон дар бобати аҳамияти махсуси мулоқот дар ҳайати «БРИКС плюс» чун майдони дархостгардида барои шарикии фарогир дар пешбурди Рӯзномаи маҷлиси рушди устувор ҳамфикр ҳастам.*

*Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!*

*Ҷаҳони имрӯз таҳаввулоти амиқро аз сар мегузаронад, ки дар пайи худ тамоюлҳои хатарнокро дорад. Шиддати байналхалқӣ ҳарчи пурзӯр гардида, нишонаҳои буҳрони низомноки иқтисодӣ зоҳир мегардад.*

*Дар чунин шароит мо дар Ўзбекистон татбиқи ислоҳотро дар асоси принсипи «Манфиати инсон аз ҳама боло» муттасил идома медиҳем.*

*Роҳи асосии бартариноки бунёди Ўзбекистони Нав такомули идораи давлатӣ, коҳиши қашшоқӣ ва то соли 2030 дохил шудан ба қатори мамлакатҳои дараҷаи даромадаш аз миёна боло, таъмини рушди иҷтимоии фарогир, мустаҳкам намудани некҳамсоягӣ ва суботнокӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.*

***Мо ба ҳамкории васеи байналхалқӣ барои якҷоя ноил гардидан ба Мақсадҳои рушди суботнок, инчунин ҳамдастӣ дар ҳайати «Ҷануб – Ҷануб» кушода ва пайрав ҳастем.***

*Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!*

*Зуҳуроти мушоҳидашавандаи буҳрони иқтисодии ҷаҳон барои тамоми низоми савдо ва сармояи ҷаҳонӣ мамониат эҷод менамояд.*

*Дар чунин шароит андешидани чорабиниҳои ҳамоҳанггардида барои бартараф намудани мамониатҳо ва ба вуҷуд овардани занҷирҳои нави тавлидотӣ ва тиҷоативу логистикӣ, ҷалби сармоя барои лоиҳаҳои ҳамкории саноатӣ ва такомули инфрасохтор, оид ба табодули технология ва татбиқи инноватсия, амиқсозии ҳамкорӣ дар соҳаи ақли сунъӣ, рақамисозӣ, биотехнология, инчунин коркарди ваксин муҳим мебошад.*

*Барои пеш бурдани лоиҳа ва ташаббусҳои муштарак роҳандозии майдони доимии мулоқоти тиҷоратии Анҷумани доираҳои корчаллони «БРИКС плюс»-ро пешниҳод менамоем.*

*Мо ҷонибдори пурзӯр намудани вобастагии ҳамдигарии нақлиётиву коммуникатсионӣ ва ба хатсайри фароқитъавии «Шимол – Ҷануб» ва «Ғарб – Шарқ» дохил намудани минтақаамон мебошем.*

*Даъвати Созмони Милали Муттаҳидро ба амали қатъӣ дар бобати таъмини табодули суботнок ва шаффофи молҳои озуқаворӣ дар бозорҳо дастгирӣ менамоем. Чунин мешуморем, ки дар ин маврид маҳз мамлакатҳои «БРИКС» нақши муҳим дошта бошанд, ки ба саҳми онҳо то 50 фоизи маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ҷаҳон рост меояд. Истифодаи ин зарфияти бузург барои амиқсозии ҳамкорӣ бо мақсади ташаккул додани низоми боварибахши интиқол ва дастрасии озуқаворӣ ногузир аст.*

*Яке аз самтҳои калидии ҳамкориро дар татбиқи барномаҳо дар соҳаҳои коҳиши қашшоқӣ ва дастгирии соҳибкорӣ мебинем. Таъкид менамоям, ки истифода аз таҷрибаи муваффақиятноки Чин ба мо имкон дод, ки дар солҳои охир, ҳатто дар шароити пандемия, дастгирии иҷтимоиро пурзӯр намоем ва дараҷаи ҳаёти аҳолиамонро воқеан баланд бардорем.*

*Бо назардошти тамоюлҳои ҷаҳонӣ ҳамкории бисёрҷанба аз рӯи мавзӯи иқлим ҳарчи муҳимтар мегардад. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки кӯшиш дар бобати мубориза бо биёбоншавӣ, дар ҳифзи гуногунии биологӣ ва таъмини таносуби об, пешбурди лоиҳаҳои иқтисодиёти «сабз» муттаҳид карда шаванд.*

*Инкишофи фарогир бидуни эътибори зарурӣ ба рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон аст. Барои иштирок дар барномаҳои БРИКС – Лигаи донишгоҳҳо ва Донишгоҳи шабакавӣ ва ҳамчунин васеъ намудани ҳамкорӣ дар соҳаи таълими касбӣ ва сиёсати ҷавонон манфиатдор ҳастем.*

*Ҳамтоёни муҳтарам!*

***Ўзбекистон ба сифати раис дар Созмони ҳамкории Шанхай таҳия намудани механизми ҳамдастии амалии БРИКС ва СҲШ аз рӯи самтҳои бартариноки шарикиамон пешниҳод менамояд.***

*Дар поёни нутқам таъкид кардан мехоҳам, ки баргузор намудани Мулоқот дар ҳайати «БРИКС плюс» бори дигар қатъиятамонро барои зудтар бартараф намудани ситезаҳои умумӣ нишон медиҳад.*

*Бовар дорам, ки татбиқи ташаббусҳои имрӯз садодода ба суботи ҷаҳонӣ ва рушди устувори мамлакатҳоямон мусоидат хоҳад намуд.*

*Барои эътиборатон ташаккур.*

**Вазорати меҳнати ИМА:**

## ЎЗБЕКИСТОН ДАР БАРҲАМ ДОДАНИ МЕҲНАТИ МАҶБУРӢ ПЕШРАФТҲОИ БЕСОБИҚА БА ДАСТ ОВАРД

***Дар Вашингтон раиси Комиссияи миллии мубориза бо савдои одам ва меҳнати маҷбурӣ Танзила Норбоева ва вазири шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ Нозим Ҳусанов бо муовини вазири меҳнати ИМА Тэа Ли мулоқот анҷом доданд.***

Дар рафти мулоқот ҷониби Америко дар бораи тағйиротҳои охирини қонунгузории Ўзбекистон ва пурзӯр гардондани чораҳои истифодаи ҳуқуқ, ки ба пешгирӣ ва пурра решакан намудани меҳнати маҷбурӣ нигаронда шудааст, муфассал хабардор карда шуд. Самарабахш ҷорӣ карда шудани механизмҳои мониторинги меҳнати маҷбурӣ ҳангоми маъракаи пахта бо ҷалби институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ алоҳида қайд карда шуда, татбиқи барномаҳо оид ба таъмини шароити муносиби меҳнат, инчунин татбиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Созмони байналмилалии меҳнат тавзеҳ дода шуданд.

Т. Ли қайд кард, ки дар солҳои охир Ўзбекистон дар соҳаи барҳам додани меҳнати маҷбурӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, нақшаҳои ҷумҳуриро оид ба идомаи татбиқи барномаи меҳнати шоиста ва механизмҳои ба истилоҳ сеҷонибаи ҳамкорӣ бо СБМ истиқбол кард. Ҷониби Америко ҳамчунин ба густариши ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди мониторинг, инчунин ҷорӣ намудани таҷрибаи санҷиши ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқиро ҷиҳати мутобиқат ба конвенсияҳои СБМ баҳои баланд дод.

Ба ғайр аз ин, ҷонибҳо чораҳоро оид ба дастгирии иттифоқҳои касабаи мустақил барои таҳкими боварӣ аз ҷониби брендҳои байналмилалӣ ва таъмини рақобатпазирии кишварҳо ҳангоми хоста гирифтани таъминкунандагони масъул баррасӣ карданд.

Дар рафти мулоқот рафти татбиқи лоиҳаи Департаменти меҳнати ИМА «Баланд бардоштани шаффофият ва масъулият дар саноати пахтаи Ўзбекистон» ба маблағи умумии 2 миллион доллар баррасӣ шуд.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи мазкур аҳамияти хосса дорад. Зеро он имкон медиҳад, ки ҳуқуқи дастҷамъии коргарон (ташкилотҳои иттифоқҳои касаба) мустаҳкам карда шуда, риояи муносибатҳои соҳибкорӣ ва меҳнатӣ дар корхонаҳои пахтакори маҳаллӣ тибқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат ва идоракунии хуби кооперативӣ таъмин карда шаванд.

Бинобари ҷамъбасти мулоқот оид ба таҳкими минбаъдаи алоқаҳои доимӣ бобати татбиқи барномаҳои муштарак дар соҳаи такмил додани низоми муносибатҳои меҳнатӣ ҳангоми риояи ҳуқуқи инсон, таъмини шуғли аҳолӣ, инчунин фароҳам овардани шароити муносиби меҳнат мувофиқа ҳосил шуд.

**Хидмати иттилоотии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

# НАҚШИ ДИПЛОМАТИЯИ ХАЛҚИИ СҲШ МЕАФЗОЯД

***Маркази дипломатияи халқии Созмони ҳамкории Шанхай, марказаш дар шаҳри Тошканд, фаъолиятҳояшро сол аз сол тавсеа мебахшад. Он дар муддати чаҳор соли мавҷудияти худ ҷиҳати ваҳдати мардуми кишварҳои аъзои ин созмон талошҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Ин матлабро директори Маркази дипломатияи халқии СҲШ Қобилҷон Собиров тайи як брифинг ба хабарнигорони маҳалливу хориҷӣ баён намуд.***

– СҲШ аз замони таъсисёбӣ худро ҳамчун як созмони бонуфузе муаррифӣ кард, ки ба шарофати амалҳои прагматикии худ модели нави таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ – шарикие, ки ба таъмини субот ва сулҳ дар сайёра нигаронида шудааст, ба вуҷуд овард. Ҳаргиз ҷои шубҳа нест, ки принципхои «Рӯҳи Шанхай» ҳамчун манбаи қувва ва сарвати гаронбаҳои рушди СҲШ хизмати босазо мекунанд,– изҳор намуд Қобилҷон Собиров.

Ӯзбекистон бори чаҳорум аст, ки дар СҲШ раёсат мебарад ва дар давраҳои қаблии раёсати худ низ самтҳои афзалиятноки дидгоҳи фаъолияти худро ба таври возеҳ муайян намуда, устувор будани худро ба принсипҳои давомнокӣ ва таҳкими пайвастаи ҳамкориҳои гуногунсоҳа ҳамеша маҳкам доштааст. Инчунин дар рушди он, таҳкими заминаи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани нуфузи ин сохтор дар миқёси байналмилалӣ саҳми бузург гузоштаву мегузорад.

Дар поёни брифинги Маркази дипломатияи халқии СҲШ дар Ӯзбекистон маросими рӯнамоии китоб-албоми «Дипломатия: аз дил ба дил" баргузор гардид. Дар он аз рӯзи таъсиси ин марказ то вазифаҳо, ҷанбаҳои фаъолият ва чорабиниҳои роҳандозишуда дар як қатор мақолаҳо, гузоришҳои хос ва аксҳои рангаву ҷолиб мунъакис ёфтааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**



*Дар ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд оиди рушди чорводорӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд. Барпои 43 маҷмӯи чорвопарварии замонавӣ (чорвои калони шохдор) ба нақша даромадааст, ки аз онҳо 32-тояшон аллакай ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Барои гӯсфандпарварӣ низ маҷмӯъҳо бунёд меёбанд. Ба маҷмӯъҳои гӯсфандпарварӣ 31011 сар гӯсфанд, ба маҷмӯъҳои чорвои калони шохдор бошад, 5325 сар чорвои калон оварда шуд.*

*Бо мақсади беҳсозии зоти молҳои чорво соли 2022 5,5 ҳазор сар гов ба таври сунъӣ бордор карда шуданд. Қисми калони заминҳои ноҳия аз ёнаву адирҳо иборат буда, барои бонӣ сохтани бузҳои ангор мусоидат менамоянд. Барои беҳсозии насли гӯсфандҳои меринос аз Русия 50 сар наргӯсфандҳои зотии меринос, 670 сар гӯсфанди модаи меринос оварда шуд.*

*Алҳол гусфандҳои зотии меринос ба 4100 сар, бузҳои ангор ба 7800 сар расонда шудааст.*

***Дар сурат:** чорводорӣ дар Оҳангарон.*

***Суратгир: Р.ГАЛЕЕВ.***

# ҲОЛАТҲОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУН ДАР ТАЪМИРИ ОБЪЕКТҲОИ МЕРОСИ МАДАНӢ ФОШ ГАРДИД

***Дар натиҷаи тафтишҳое, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти Хидмати амнияти давлатии вилояти Тошканд ва идораҳои дахлдор гузаронида шудаанд, бепарвоӣ нисбат ба мероси мадании маҳаллӣ ва расонидани зарари калон ба манфиати давлат ошкор карда шуд.***

Аз ҷумла, байни муассисаи давлатии «Хидматрасонӣ оид ба сохтмон, азнавсозӣ, таъмири асосӣ ва нигоҳдории объектҳо аз ҳисоби сармоягузориҳои мутамарказ»-и назди Вазорати маданият ва корхонаи хусусии «Антиқа ва сифатли қурилиш» дар солҳои 2020-2021 барои таъмир ва барқарорсозии зиёратгоҳи «Шайх Умари Валии Боғистонӣ» воқеъ дар ноҳияи Бӯстонлиқ ба миқдори 1,7 миллиард сӯм шартномаи пудратӣ ба имзо расида буд, аммо Муассисаи давлатии хидматрасонӣ ва шахсони мансабдори корхонаи хусусӣ бо роҳи ба ҳисоб – фактураҳо илова кардани маълумотҳои сохта ва корҳои иҷронашуда, 402,7 миллион сӯми буҷетро ноқонунӣ азхуд кардаанд.

Дар ин маврид, бар асоси моддаҳои 167 (азхудкунӣ ё бо роҳи харҷ тороҷ кардан) ва 209 (сохтакории мансаб)-и Кодекси ҷиноӣ парвандаи ҷиноӣ кушода шудааст.

Тибқи қарори Девони Вазирон аз 15 феврали соли 2018 «Дар бораи ташкили самараноки ободонии ҷойҳои муқаддас, зиёратгоҳҳо, масҷидҳо ва қабристонҳо» оиди корҳои таъмир ва азнавсозии зиёратгоҳи «Қиличли ота»-и ноҳияи Қибрайи вилояти Тошканд байни ширкати муҳандисии «Ягона буюртмачи хизмати»-и ҳокимияти вилоят ва корхонаи ҶММ «Тошмелиоқурилиш» шартнома ба имзо расида, аз маблағи буҷет 309 миллиону 107 ҳазор сӯм ҷудо карда шуд.

Аммо масъулони ширкати муҳандисии «Ягона буюртмачи хизмати» ва ҶММ «Тошмелиоқурилиш» бо ҳам забон як карда, дар ҳисоб-фактураи корҳои сохтмон маълумотҳои бардурӯғ дохил намуда, бо роҳи илова карда навиштан ба ҳаҷми кори иҷронашуда 263 млн. 286 ҳазор сӯм маблағи буҷетро ноқонунӣ азхуд кардаанд.

Аз рӯйи ин ҳолат, ба масъулони ширкати муҳандисии «Ягона буюртмачи хизмати» ва ҶММ «Тошмелиоқурилиш»-и вилояти Тошканд тибқи моддаҳои 167 (азхудкунӣ ё ба роҳи харҷ тороҷ кардан) ва 228 (тайёр кардани ҳуҷҷат, штамп, муҳр ва варақаҳо, сохтакории онҳо, фурӯш ё истифодаи онҳо) парвандаи ҷиноӣ кушода шудааст.

Дар мавриди дигар, дар натиҷаи корҳои сохтмон дар муассисаҳои хидматрасонии маишӣ ва дигар биноҳо дар канори ёдгории археологии «Бузган тепа»-и ноҳияи Қибрай ба ин объекти мероси моддию маданӣ ба маблағи 5 миллиарду 668 миллион сӯм зарар расонида шуд.

Ҳоло аз рӯйи ин ҳолат бар асоси моддаҳои 132 (нобуд кардани объектҳои мероси моддию маданӣ, вайрон ва ё хароб кардани онҳо) ва 205 (сӯйистифода аз ваколат ё мансаб)-и Кодекси ҷиноӣ кори ҷиноӣ кушода шуда, тафтишот идома дорад.

**ӮзА.**

***Мувофиқи маълумоти таърихӣ ҳазорҳо сол пеш дар биёбонҳои хушк роҳҳои сунъӣ пайдо шудаанд. Дар ҳақиқат аз замонҳои қадим роҳҳо халқҳоро ба ҳам наздик карда, риштаҳои дӯстиро мустаҳкам кардаанд.***



# ТАНБАШАВӢ ОЁ "БЕМОРӢ"-И ШАҲР АСТ?

Солҳои охир дар мамлакати мо дар бобати офаридани маҷмӯи иншоотҳои гуногун дар асоси андозаҳои ҷаҳонӣ корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда шуданд. Ин роҳҳо ба боз ҳам мустаҳкам гардидани ҳамҷиҳативу дӯстӣ хизмат мекунанд.

Замон бо шиддат тағйир меёбад. Ҳар як соҳа ривоҷ ёфта, дигаргуниҳо рӯз то рӯз афзуда, дар баробари ин талаботи зиёд ба миён гузошта мешаванд.

Бо ташаббуси Сарвари давлат дар баробари тамоми соҳаҳо ба рушди шабакаҳои нақлиёту коммуникатсия таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар тӯли солҳои охир дар бобати сохтмони шоҳроҳҳои автомобилгард, хуб ба роҳ мондани алоқаи нақлиёт бо мамлакатҳои хориҷӣ, ба кор бурдани техникаю технологияи ҳозиразамон дар соҳаи роҳсозӣ, тайёр ва зиёд кардани шумораи мутахассисоне, ки ба талаботи имрӯза ҷавоб дода метавонанд, корҳои амалӣ ҷоннок гардиданд. Коркунони соҳа дар муддати кутоҳ, дар роҳҳои автомобилгард ҳаракати нақлиётро қатъ нанамуда, бо ҷидду ҷаҳд сохтмони гузаргоҳҳои асосӣ, кӯпрукҳои боҳашамат, шоҳроҳҳои замонавии серҳаракатро идома медиҳанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки равонии роҳҳо ва ҳаракати беисту бехатари нақлиёт таъмин карда мешавад. Ин на танҳо барои ронандагон, балки барои мусофирон ҳам қулайиҳо ба вуҷуд меоварад. Мусофирон, ки роҳи дурашон наздик, мушкилашон сабук мегардад, низ аз ин имкониятҳо самарабахш истифода мебаранд. На танҳо дар шаҳрҳо, балки дар деҳаҳо ҳам чунин қулайиҳо ба назар мерасанд.

Дар баробари афзудани шумораи автомобилҳо, ки яке аз нишонаҳои фаровонӣ мебошад, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ низ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Мо шоҳиди он мегардем, ки дар асоси як қатор фармону қарорҳои Сарвари давлат ва ҳукумат оид ба ин масъала, дар асоси фармону супоришҳои дахлдори Вазорати корҳои дохилӣ корҳои амалӣ бурда мешаванд.

Вақте дар бораи садамаҳои нақлиётӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мехонед, ба баданатон мурғак медамад. Хусусан, аз оқибатҳои ногувори он боз ҳам бештар асабонӣ шуда, ба тақдири ҷабрдидагон дилатон месӯзад.

Албатта, таассуфовар аст, ки чунин ҳодисаҳои нохуш на танҳо аз беэҳтиётӣ ва бетаҷрибагии ронанда, балки дар натиҷаи танбашавӣ ва носоз будани роҳҳо низ ба амал меоянд. Дар ин бобат рафтори баъзе пиёдагардонро, ки низ қоидаҳои ҳаракати роҳро вайрон мекунанд, дуруст гуфтан мумкин нест. Сабаб он аст, ки онҳо ба ҷойи гузаштан аз гузаргоҳҳои махсуси муайяншуда ҳарчанд хавфнок будани онро донанд ҳам, аз байни мошинҳои ҳаракаткунанда мегузаранд.

Хулоса, барои пешгирӣ кардани ин мушкилиҳо ҳам ба пиёдагард ва ҳам ба ронанда чораҳои қонунӣ андешидан ва ё баръакс, бунёди гузаргоҳҳо ва қантара (кӯпрукҳои овезон)-ро тезондан лозим аст.

Истилоҳи «танбашавӣ бемории шаҳр аст» низ вуҷуд дорад. Як вақтҳо танҳо дар муқоиса бо шаҳр истифода бурдани ин истилоҳ дуруст ҳисоб меёфт, вале дар ҳаёти рӯз то рӯз тараққикардаи имрӯза на танҳо дар шаҳр, балки дар деҳот ва ҳатто дар маҳалла низ чунин ҳолатҳои ногувор ба мушоҳида мерасанд.

Дар баъзе ҷойҳо рӯзҳои якшанбе ҳаракат дар чунин роҳбандиҳо ниҳоят душвор аст...

Аз ҷумла, дар бозори якгектараи деҳаи Варзик, ки дар маркази деҳа воқеъ аст, тамоми маҳсулоти истеъмолии мардумро пайдо кардан мумкин. Сад афсӯс, мавзеъе, ки ҳамчун бозор муайян шудааст, аз сабаби дар шоҳроҳи калон ҷойгир шуданаш, ҳолатҳои тамоман ҷавоб нададан ба талаботи санитарӣ, ноқулайиҳо ба вуҷуд овардани ҳаракати нақлиёт касеро ба ташвиш намегузорад. На фурӯшанда ва на харидор, ки ғайриқонунӣ, хилофи талаб ва қоидаҳои бозор барои худ шароит муҳайё кардаанд, дар ин масъала парвое надоранд. Мутаассифона, маҳсулоти полизӣ, помидору бодиринг ва дигар масолеҳи хӯрокворӣ ба болои матои канори роҳ рехта шуда, онҳоро дуди заҳролуди мошинҳо ва чангу ғубор фаро гирифтааст.

Агар касе «Дар деҳаи мо бозор аз қадим дар ҳамин марказ буд, мардум ба ин ҷо одат кардаанд. Бозори ҳайвонот низ дар ин ҷост, он барои ҳама қулай аст" гӯяд, "ба фикри ман, дар давраи бо шиддат дигаргун шудани замон ин фикри нодуруст аст, бояд ба мақсади ба халқ қулайиҳо фароҳам оварда, мушкилашро осон кардан бояд бозорро ба ҷойи дигар кӯчонд, то ки ҳам ба ҳаракати нақлиёт ва ҳам мардум халал нарасонад» мегӯяд дигаре.

— Дуруст, бозор аз қадим ташаккул ёфтааст, — мегӯяд яке аз сокинони деҳа Алишер Қосимов. — Дар ин ҷо ниёгони мо асосан бо хариду фурӯши чорво машғул буданд. Солҳои охир занон низ барои эҳтиёҷоти худ ба бозор баромаданд, ҳамин тариқ бозор доман паҳн кардааст. Барои ҳалли ин масъала лозим нест, ки аз боло фармоиш диҳанд ё илтимос кунанд. Махсусан танбашавии нақлиёт ташвишовар аст. На пиёдагард ва на мошинҳои ҳаракаткунанда мехоҳанд ба якдигар роҳ диҳанд. Зеро дар ҳар ду маврид бо роҳи танг ҳаракат кардан амри муҳол аст. Куҳансолони деҳа метавонанд муттаҳид шуда, ҳалли мусбати ин масъаларо пайдо кунанд.

Вақти он расидааст, ки дар маркази деҳкадаи сераҳолиамон, ба назари ман, чароғакҳо гузошта шавад.

Чунин бетартибӣ, яъне танбашавиро дар дигар ҷойҳо, ҳатто дар маркази Чуст ҳам дидан мумкин аст. Дар маркази ноҳия, ки қариб 270 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекунад, оиди ҳалли ин мушкилиҳо касе фикр намекунад. Шояд талошҳо дар ин замина оғоз шуда бошад, аммо натиҷаи он ба назар намерасад. Ҳар рӯз аз субҳи барвақт то ғуруби офтоб ҳамин гуна танбашавиро дида, ба масъулини ноҳия, ба фикрам, ин ҳолати одатӣ шуда мондааст. Хусусан дар рӯзи охири ҳафта – якшанбе теъдоди меҳмонон аз дигар минтақаҳо ва ҳатто аз ҷумҳурии ҳамсоя бо мақсади тиҷорат ё саёҳат зиёд мешаванд. Мутаассифона, ҳаракати бетартибонаи мардум дар ин бобат мушкилӣ ба миён меорад. Ин вазъият на танҳо вазифаи коркунони шуъбаи корҳои дохилӣ, балки ҳар яки мо аст, ки бояд мусофиронро ба тартиб ҷеғ занем, дар пешгирӣ намудани танбашавиҳо каме саҳми худро гузорем.

Бино ба маълумотҳо, дар кишварҳои хориҷӣ ҳалли мушкилоти мубориза ба танбашавӣ дар роҳҳоро бо усулу равишҳои гуногун меёфтаанд. Дар Афина, масалан, моҳҳо, ҳатто рӯзҳои ҳафта бо ронандаи рақамӣ ба итмом мерасанд. Дар Рим бошад, дар баъзе қисми маълуми шаҳр, яъне дар ҷойҳои таърихӣ сафар кардан манъ аст ва чун қоида сайёҳонро дар соатҳои муайян қабул мекунанд. Дар Токио ба қоидаи роҳ ва аломатҳои махсуси он аҳолӣ қатъиян риоя мекунад. Дар Париж барои ҳар як мошин хатҳои махсус мавҷуданд, ки аз ҷойҳои муайяншуда ҳаракат мекунанд.

Чунин ба назар мерасад, ки мо низ бо такя ба тафаккури миллии худ бояд барои ҳалли мусбати ин мушкилот андеша намуда, ба бунёди роҳҳои ҳаматарафа қулай ва босифат шурӯъ кунем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
*вилояти НАМАНГОН.*




# МАВСИМИ ҒАЛЛА ДАР АВҶ

***Дар вилояти Сирдарё дарави ғалла дар авҷ мебошад. Соли ҷорӣ кишоварзони ноҳияҳои Сайҳунобод, Сардоба, Боёвут, Оқолтин, Мирзообод, Хавос ва Гулистон дар 85 ҳазор гектар ғалла ва ҷав кишта буданд. Имрӯзҳо ҳосили ин ғаллазорҳо пухта расидааст. Кишоварзон барои дар муддати кӯтоҳ ва беталаф ғун доштани ризқу рӯзии хеш шабу рӯз дар саҳро заҳмат мекашанд.***

Ба ин маърака комбайнҳои МТП-и вилоят хуб таъмир шуда, ба саҳроҳое, ки аллакай ғалла пурра пухта расидааст, сафарбар карда шуданд. Ҳоло дар саҳроҳои вилоят беш аз 200 комбайни "Кейс" ва "Класс" омодаи коранд. Аз рӯйи сарҳисоби мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ин комбайнҳо метавонанд рӯзе 12-14 гектар ғаллазорро дарав кунанд. Бояд қайд кард, ки коҳи ғаллазорҳоро деҳқонон пас аз дарав зуд ғун мекунанд. Баҳри ин кор тамоми шароитро муҳайё сохтаанд. Барои кашондани дони ғалла бештар аз 600 мошини боркашонии шахсӣ ва давлатӣ омодаанд.

Дар 2552 хоҷагии фермерӣ, ки фаъолияти онҳо махсус ба ғаллакорӣ равона карда шудааст, кор дар авҷ аст. Аз рӯйи маълумоти пешакии раёсати кишоварзии вилоят ин хоҷагиҳо аз ҳар гектар беш аз 50-60 сентнерӣ ҳосил ба даст меоранд. Гуфтан лозим аст, ки аллакай дар вилояти Сирдарё беш аз 200 хоҷагии фермерӣ супоришоту ӯҳдадориҳои хешро пурраву барзиёд иҷро карданд. Масалан, хоҷагии фермерии "Султон" аз ноҳияи Сайҳунобод аз ҳар гектар 60 сентнерӣ, ҷамъ 80 тонна ҳосил ба даст оварда, яке аз аввалинҳо шуда ба марра расид.

Имрӯзҳо ҳосилғундорӣ дар авҷ аст. Тамоми техникаи корӣ ба отрядҳо тақсим шуда, оиди фаъолияти он саривақт ба штаби ғалла маълумот дода мешавад. Барои комбайнчиён ва дигар идоракунандаи воситаҳои техникие, ки ба мавсим сафарбаранд, хӯроки гарм ва шароити маишӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳокимияти вилоят ва ноҳияҳо барои пешқадамони корҳои саҳро дар ҳар 10 рӯз мукофотҳои арзишнок ташкил намудаанд. Чунин муташаккилии кор аз он дарак медиҳад, ки кишоварзони вилоят дар муддати кӯтоҳ марраи муродро фатҳ мекунанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик"**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

***Суратгир:** муаллиф.*

## ХАБАРҲО

### ҚАДАМИ АВВАЛ ДАР РОҲИ ХУСУСИСОЗИИ ЭНЕРГЕТИКӢ

***Бо мақсади боз ҳам хубтар ба роҳ гузоштани таъминот бо барқ барои хусусӣ гардонидани бозори энергетика қадамҳои нахустин гузошта ва дар ҳузури собиқ Ҷамъияти саҳҳомии "Ӯзбекэнерго" 3 сохтори истеҳсолӣ, дастрассозӣ ва фурӯши энергияи барқӣ ташкил мегардад, ки дар ин бора Президент зимни баромадаш дар ҷамъомади 23 июн хотиррасон кард.***

Дар соҳаи генератсия ҷамъ 19 лоиҳа ба амал бароварда мешаванд, ки 7 миллиард доллари ИМА арзиш доранд. Барпои истгоҳҳои барқии офтоб, шамол ва гармӣ мавриди назар мебошад. Айни замон барои ба вуҷуд овардани рақобати солим дар соҳа, васеъ сохтани ҳаҷм, беҳтар гардондани сифати таъминот бо барқ чораҳо андешида мешаванд.

Барои модернизатсияи соҳа, пурра қонеъ сохтани эҳтиёҷоти нуқтаҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ бо барқ солҳои наздик ба андозаи 20 миллиард доллар ҷалб сохтани сармояи хориҷӣ ба нақша даромадааст. Ин низ тақозо менамояд дар соҳа бозори рақобат ташаккул дода ва барои сармоягузорони хусусӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шавад.

### ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ "МАКОНИ САБЗ"

***Таҳти ташаббуси Барномаи рушди СММ, Кумитаи давлатии муҳофизати муҳити гирду атроф ва Комиссияи иқтисодии Аврупо лоиҳаи нави муштарак кор карда бароварда мешавад, ки барои дастгирии ташаббуси "Макони сабз" нигаронида шудааст.***

Мақсади асосии лоиҳа, айни замон, молиявисозии инноватсионии дарозмуддат баҳри пуштбонии ташаббуси "Макони сабз" ва таъмини бабардоштии он ба иқлими Ӯзбекистон мебошад. Дар роҳи ба амал баровардани лоиҳа аз наздик ҳамкорӣ намудани Вазорати молия, Кумитаи хоҷагии ҷангал, Ӯзгидромет, Вазорати хоҷагии об, Вазорати маҳалла ва пуштбонии нурониён ба назар гирифта шудааст. Ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ, дар навбати худ, аз наздик кӯмак хоҳанд кард.

Ба ҳамин муносибат дар Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити гирду атроф маросими баимзогузории баённомаи созиш ба амал омад.

### "ЗАКОВАТ" БО ИШТИРОКИ ХОДИМОНИ САВДО

***Ба ташкил ёфтани Маркази савдои "IMKON" даҳ сол пур гашт. Он яке аз бонуфузтарин марказҳои тиҷоратӣ дар ҷумҳурӣ буда, тӯли фаъолияти худ бештар аз 1000 нафарро ба кор таъмин намудааст.***

Дар нуқтаҳои савдои маҷмуъ, ки дар ҳамаи вилоёт филиалҳо дорад, бештар аз 5000 навъ техникаи маишӣ, мебел, анҷомҳои варзишӣ, қисмҳои эҳтиётии автомобил ва ашёи электроникӣ тавассути пардохти муддатноки ашё ба аҳолӣ фурӯхта мешавад.

Ба муносибати даҳсолагии Маркази савдо бо иштироки ходимони ҳамаи филиалҳои он бозии интеллектуалии "Заковат" ба амал омад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

### МУЛОҚОТ БО ХАТМКУНАНДАГОН

***Дар маҷлисгоҳи ДДБ вохӯрии хатмкунандагони ромитании ҳамин таълимгоҳ бо ҳокими ноҳияи Ромитан Умедҷон Барноев ба амал омад.***

Дар он роҳбарони секторҳо, ҷонишинони ҳоким, мудирони шӯъбаҳои дахлдор, сарварони ташкилоту корхонаҳои ноҳия ва хатмкунандагони ромитанӣ иштирок карданд. Ҳокими ноҳия дар бораи ғамхории сарвари давлат нисбати ҷавонон, имконияту шароити барои онҳо фароҳамовардашуда таваққуф намуд. Маълум гардид, ки имсол шӯъбаҳои гуногуни таълимгоҳи олиро қариб 400 нафар мутахассисон хатм мекунанд. Онҳо ба саволҳои худ бобати бо шуғлфарогирӣ ва масъалаҳои дахлдор аз роҳбари ноҳия ва мутахассисони соҳа ҷавоб гирифтанд. Дар ҷараёни тадбир шӯъбаҳои таълими халқу таълими томактабӣ ва ташкилоту корхонаҳои алоқаманд вазифадор карда шуданд, ки мутахассисони ҷавонро бо кор таъмин созанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

Фармон ва иҷро

# «НАФСИ БАД – БАЛОИ ҶОН»

## Ё худ мубориза бар зидди коррупсия кафолати муҳими ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аст

Сарвари давлат дар баромадҳои худ барои пешгирии ҳар гуна ҷиноят, хоссатан коррупсия, дар назди ходимони ҳуқуқу тартибот вазифаҳои таъхирнопазир мегузорад. Тӯли 4-5 соли охир алайҳи чунин иллати ҷамъиятӣ чанд ҳуҷҷати меъёрӣ имзо гардид. Далели фикрамон бо ташаббуси сарвари кишвар қабул шудани қонун "Дар бораи мубориза алайҳи коррупсия" аст.

Бояд таъкид намуд, ки чанде пеш дар суди сайёри мо парвандаи ҷиноӣ дида шуд, ки ба коррупсия вобаста буда, ба бисёр гапу калочаҳо сабаб гардид.

Маълум, ки ҳисобу китоби аниқ ва босамар истифода намудани замин барои соҳаҳои гуногун, мисли хоҷагии қишлоқ, соҳибкорӣ, истеҳсолот, сохтмон ва ғайра хеле муҳим аст.

Мутаассифона, дар соҳаҳои геодезия, картография ва кадастр бисёр масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доштанд. Гап дар сари он, ки дар Ӯзбекистон тартиби ҷудо намудани замин барои хоҷагии қишлоқ 20 сол қабл қабул гардида буд ва ба талаботи имрӯза мувофиқат намекард. Дар натиҷа дар ин соҳа ҳолатҳои коррупсионӣ авҷ гирифт. Баъзе "корчаллонҳо" пайдо шуданд, ки "обро лой карда моҳӣ медоштанд". Чунин ашхос сокини деҳаи Бӯзии ноҳияи Самарқанд А.И. ва Б.С. буданд, ки барои ҷинояткорӣ ба курсии сиёҳ нишастанд. Ҳар ду ҳамтабақ аз лаби рӯди Дарғам 1,4 гектар замин, ки дар тасарруфи Вазорати хоҷагии об буд, ба шаҳрванд И. Г. нишон дода гуфтаанд, ки: "замини мо ва нархаш 70 ҳазор доллар, марҳамат розӣ карда гиред".

– Хеле хуб, – сар ҷунбонд харидор, – аҷиб, замин ҳуҷҷати кадастрӣ дорад, ки ман мурғхона созам?!

– Шумо зани сода будеддия, – маккорона хандид яке аз ҳаннотон. – Мардуми доно мегӯяд, ки «ё ба зорӣ, ё ба зӯрӣ, ё ба зар».

– Хӯш, аз мо чӣ қадар «зар» лозим? – пурсид харидор.

– Ҳафтод ҳазор.

Баъди баҳсу мунозира тарафайн ба 30 ҳазор доллар муросо карданд. Аммо дар кабобхонаи деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ фиребгарон ҳангоми гирифтани «ҳаққи хизмат» аз ҷониби ходимони корҳои дохилии ноҳия ва идораи амнияти давлатӣ дастгир шуданд.

Ҳарду тибқи қонун ҷазо гирифтанд. Шояд онҳо аз мақоли «пора гирифт – чора гирифт» бехабаранд. Бинобар ҳамин ба баъзе шахсони гумроҳ гуфтанӣ ҳастам, ки «кабоби бепул мурчакҳо дорад».

**Нодир РАҶАБОВ, раиси суди ноҳияи Самарқанд оид ба корҳои ҷиноӣ.**

# «ЯК ҚОФИЛА ШЕЪРИ НОБ ДОРАД ШОИР»



Илҳом Эшонзодаи Насафӣ (Эшонқулов), номзади илмҳои филологӣ, дотсент. Хатмкардаи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва аспирантураи донишгоҳи мазкур мебошад.

Фаъолияташро ба сифати ходими илмии Институти улуми инсонии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров оғоз намудааст. Аз соли 2012 дар ҳамин донишгоҳ ба ҳайси муаллим, сармуаллим, ноибдекани бахши илм, докторант ва дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултаи забонҳои Шарқи донишгоҳ ва аз соли 2018 ба ҳайси сармуаллим ва дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи факултети филологияи рус ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз фаъолият мебарад.

Фаъолияти илмии ӯ ба масъалаҳои тазкира ва тазкирашиносӣ, таҳқиқи таҳаввули насри адабиёти охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX, таъйини рӯзгор, вежагиҳои осори суханварони форсигӯйии Мовароуннаҳр иртибот дорад.

Муаллифи кариб 70 асари илмӣ, таълимӣ ва публитсистӣ аз ҷумла рисолаҳои "Тазкираҳои Ҳашмати Бухороӣ ва аҳамияти илмиву адабии онҳо" (2014), "Ҳашмати Бухороӣ ва тазкираҳои ӯ" (2019) ва китобҳои дарсии "Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи истилои муғул ва аҳди Темуриён)" (2013), "Таърихи адабиёти тоҷик (Адабиёти тасаввуфӣ)" (2013), маҷмӯаи ашъори "Сабзаи фарвардин" (2010) мебошад.

Дар таҳияи китобҳое аз қабили "Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ. Тазкират-уш-шуаро». (Таҳияи матн аз хати форсӣ ба кириллӣ, 2015), "Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ. Тазкират-уш-шуаро. Таҳия ва тавзеҳи матн аз хати форсӣ ба кириллӣ, 2022), маҷмӯаи мақолаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалие чун "Робитаҳои адабӣ ва муколамаи фарҳангҳо" дар ду қисм (2019) ва "Оинаи ибрат" (2019) саҳм гирифтааст.

Дар гузаштаҳои дуру наздик насафиҳои зиёде бо шеър сарукор доштаанд. Сайидои Насафӣ аз барҷастатарини онҳост. Мо бар онем, ки тозакориҳои ин шоири бузург дар жанри ғазал ҳанӯз ба таври бояду шояд кашф нашудааст. Илҳом Эшонзодаи Насафӣ дар ҷодаи ноҳамвори шеър ба дунболи онҳое меравад, ки дар жанри беш аз ҳазорсолаи ғазал сухани нав гуфтаниянд. Дар пиёда гардидани ин нияти неку наҷиб ба ӯ тавфиқ мехоҳем.

**Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».**

### ШОИР

*Качкӯли пур аз китоб дорад шоир,*
*Як қофила шеъри ноб дорад шоир.*

*Дар зулмати зиндагӣ чу машъал сӯзад,*
*Як равзана офтоб дорад шоир.*

*Хомӯш агарчи дар назар метобад,*
*Аз дил ба дил инқилоб дорад шоир.*

*Не аҳли аёлу хонаву дар гӯяд,*
*Не роҳату айшу хоб дорад шоир.*

*Бори ду ҷаҳон бувад ба дӯшаш доим,*
*Дарду ғами беҳисоб дорад шоир.*

*Аз оини сулҳу дӯстӣ ҷорзанон,*
*Бар аҳли башар хитоб дорад шоир.*

*Хонад ҳама ҷо ҳамосаи шодиву ғам,*
*Аз ишқ дили кабоб дорад шоир.*

*Бо нӯки қалам канад фақат нақби сухан,*
*З-ин рӯ ҷадалу шитоб дорад, шоир.*

*Инро худашу фақат Худо медонад,*
*Охир чӣ қадар азоб дорад шоир.*

### ДУХТАРИ ТОҶИК

*Духтари Наврӯз атлас ба тан аст,*
*Нармгуфтору фариштасухан аст.*

*Ба назокат, ба малоҳат, бахудо*
*Бебаҳо мисли ақиқи Яман аст.*

*Оламе маҳви тамошои рухаш,*
*Хандааш рашки гули сад чаман аст.*

*На либоси урупоӣ, на ҳарир,*
*Зеби ҳар духтари тоҷик чакан аст.*

*Медурахшад ба ҳазор ишваю ноз,*
*Маҳфилорои ҳама анҷуман аст.*

*Тоқии зар ба сараш мезебад,*
*Аз азал хушқаду гулпираҳан аст.*

*Аз қудумаш ҳама ҷо гул резад,*
*Рамзи ободиву фахри Ватан аст.*

*Адрасу атласу шоҳиву чакан,*
*Зеби ҳар духтари аҷдоди ман аст.*

### ГУЛ МЕКУНАД

*Гар ту бошӣ дилбарам,*
*дил дар барам гул мекунад,*
*Аз ҳузури мақдамат бому дарам*
*гул мекунад.*

*Гар ту оӣ, шоми қалбам моҳтобӣ*
*мешавад,*
*Дар само хуршеду моҳу ахтарам*
*гул мекунад.*

*Гар бисӯзӣ ҷисму ҷонамро*
*наёрам шиквае,*
*Аз сафои ишқи ту хокистарам*
*гул мекунад.*

*Шоҳбайти ҳар ғазал аз исми ту*
*гирад нумӯъ,*
*Ҳарфи зебоят зи умқи дафтарам*
*гул мекунад.*

*Ҳар нафас ҷӯям нишон аз*
*бенишониҳои ту,*
*Аз фурӯғи ҳастии ту боварам*
*гул мекунад.*

*Эй зан, эй олиҳаи ҳусну назокат, эй азиз!*
*Дар нигоҳат хандаҳои модарам*
*гул мекунад.*

# «МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МАҶМӮАҲОИ ҶАҲОН» БА КИТОБХОНАИ КОНГРЕСС ТАҚДИМ ШУД

***Туҳфаи қиматбаҳо аз ҷониби ҳайати Ӯзбекистон бо роҳбарии раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева, ки дар Иёлоти Муттаҳида сафар дошт, супурда шуд.***

Китобҳо ба Ҷоан Викс, мудири шӯъбаи адабиёти Шарқи Наздик ва Африқо, ки дар он маҷмӯаҳои китобхонаҳо ба забони ӯзбекӣ нигоҳ дошта мешаванд, инчунин Муҳаннаду Салҳӣ, мудири шуъбаи кишварҳои арабӣ супурда шуданд.

Тавре дар маросим қайд гардид, китобҳои тақдимшуда на танҳо барои намояндагони ҷомеаи тадқиқотии ИМА, балки ба доираи васеи аудиторияи байналхалқӣ низ ҷолиб хоҳанд буд. Аз ҷумла, лоиҳаи «Мероси фарҳангии Ӯзбекистон дар маҷмӯаҳои ҷаҳон», ки ба шарофати таваҷҷуҳи шахсии Президент Шавкат Мирзиёев ба масъалаҳои эҳтиёткорона ҳифз намудан, ғанӣ гардондан ва афзун намудани мероси таърихию фарҳангӣ ва зеҳнии халқи ӯзбек амалӣ мегардад, метавонад хонандагони Амрикоро ба ҳайрат оварад, мегӯяд Ҷоан Уикс. Илова бар ин, ба ақидаи ӯ, муштариёни Конгресси ИМА инчунин метавонанд маълумоти иловагии визуалиро дар формати 3D тавассути нишонҳои махсус барои сканкунӣ дастрас кунанд.

Намояндагони Китобхонаи Конгресси ИМА барои китобҳои тақдимшуда изҳори миннатдории амиқ намуда, қайд карданд, ки ин асарҳои пурарзиши олимони ӯзбек дар фонди китобхонаи онҳо ҷойи сазовор хоҳанд дошт. Аз ҷумла, Ҷоан Уикс изҳор намуд, ки аз дидани китоби «С. М. Прокудин-Горский ва силсилаи аксбардории Туркистон дар Китобхонаи Конгресси ИМА», ки ба онҳо суратҳо ва харитаҳои дар китобхона маҳфуз дохил шудаанд, хеле шод аст.

Маҷмӯаи пурраи «Маҷмӯаи Институти шарқшиносии ба номи Абу Райҳони Берунии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон» низ таваҷҷуҳи хоси ҷониби Амрикоро ба худ ҷалб намуд. Дар ин китобҳо фонди дастхатҳои донишкада, ки соли 2000 ба феҳристи «Хотираи ҷаҳони»-и ЮНЕСКО ҳамчун яке аз бойтарин махзани дастхатҳо дар ҷаҳон дохил карда шуда буд, муаррифӣ мешавад.

Намояндагони китобхона аз факсимилеҳои дастхатҳои Осиёи Миёна ва Шарқи асримиёнагӣ, осори нодир, намунаҳои нодири дастнависи асноди таърихӣ, ки қисме аз онҳо ба асри VII тааллуқ доранд, мафтунии худро пинҳон накарданд.

Намояндагони Китобхонаи Конгресс гуфтанд, ки ин китобҳо аз пурарзиштарин нусхаҳо буда, намунаҳои нодири дастнависи осор ва асноди таърихиро ба хонандагону муҳаққиқони амрикоӣ пешкаш мекунанд. Гузашта аз ин, нашрҳои нодир низ барои таблиғи сайёҳӣ ба ин минтақаҳо дар байни шаҳрвандони ИМА хидмат хоҳанд кард.

Дар охири чорабинӣ оид ба фаъолгардонии ҳамкории дуҷониба байни коршиносони китобхонаҳо, доираҳои илмию тадқиқотии Ӯзбекистон ва ИМА, инчунин рақамигардонии муштараки дастнависҳои таърихӣ мувофиқа ҳосил шуд. Аз ҷумла, ҷониби Амрико ба роҳандозии шарикӣ байни Китобхонаи Конгресс ва Институти шарқшиносии назди Академияи илмҳои Ӯзбекистон изҳори ҳавасмандӣ намуд.

Ба иттилои сафорати Ӯзбекистон, Китобхонаи Конгресс, ки соли 1800 таъсис ёфта, дар теппаи Капитолий ҷойгир аст, бузургтарин китобхонаи ҷаҳон аст. Он ба Палатаи намояндагон, Сенат ва мақомоти давлатӣ, муассисаҳои тадқиқотӣ ва таълимии ИМА, фирмаҳои хусусӣ ва ширкатҳои саноатӣ хидмат мерасонад. То имрӯз дар китобхона зиёда аз 150 миллион маъхаз, аз ҷумла китобҳо бо қариб ҳамаи забонҳои ҷаҳон, аксҳо, дастнависҳои қиматбаҳо, харитаҳои таърихӣ мавҷуданд. Афзоиши солонаи фондҳо то 3 миллион ададро ташкил медиҳад.

**АИ «Дунё»,**
*ВАШИНГТОН.*



*Дар ноҳияи Ёзёвони вилояти Фарғона Маркази муштараки бемориҳои шикасти аъзо ва дилу раги байниноҳиявӣ, ки дар таркиби иттиҳодияи тиббии ноҳия созмон дода шудааст, ба кор шурӯъ кард.*



*Маркази муштараки бемориҳои шикасти аъзо ва дилу раги байниноҳиявии Ёзёвон барои 50 ҷой пешбинӣ шудааст. Он 32 нафар табиби тоифаи олӣ, 210 нафар ходими миёнаи тиббӣ, 96 нафар ходимони хурди тиббиро фаро хоҳад гирифт.*

*Маркази мазкур ҳамчунин ба аҳолии ноҳияи Қува, Тошлоқ ва Қӯштеппа кумаки таъҷилии тиббӣ мерасонад.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

# ҲАМКОРИҲО ВУСЪАТ ХОҲАНД ЁФТ

***Тавре ки аз дафтари матбуоти ҳокимияти вилояти Ҷиззах хабар доданд, 17-18 июни соли ҷорӣ ҳайат таҳти сарварии ҳокими вилояти Ҷиззах Эргаш Солиев ба вилояти Суғди Тоҷикистон сафар намуда, дар кори Форуми VIII байналхалқии намоиши маҳсулоти саноатии «Суғд – 2022», ки ҳар сол ба таври анъанавӣ гузаронида мешавад, ширкат намуданд.***

Дар ин форум муовини ҳокими вилоят Нодир Нурматов ба ҳозирин тақдимоти салоҳияти иқтисодӣ, сайёҳӣ ва савдову сармоявии вилояти Ҷиззахро гузаронид. Ҳокими вилояти Ҷиззах ба ҳозирон дар бораи маҳсулоте, ки соҳибкорони вилоят дар растаҳо ба намоиш гузошта буданд, маълумот дод.

Анҷуман дар қасри барҳавое баргузор гардид, ки замоне Сарқонуни Тоҷикистон дар он ҷо қабул карда шудааст.

Сипас вохӯрии ҳокими вилояти Ҷиззах Солиев ва раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба амал омад.

Бо иштироки ҳунармандони маҳаллӣ ва вилояти Ҷиззах консерт баргузор гардид.

Дар асնои вохӯриҳои хоссаи соҳибкорон, роҳбарони ширкату ҳокимиятҳо бо арзиши 10 миллион доллари Амрико шартномаҳо ба имзо расиданд.

– Ҳайати мо аз гӯшаҳои зебои шаҳри Хуҷанди бостон дидан карданд ва тӯли се рӯз тааасссурот аз ин шаҳр хеле калон буд, – мегӯяд котиби матбуоти ҳокими вилоят Акмал Бинокулов.– Вохӯрии рафиқонаи дастаҳои футболи ду вилоят низ сурат гирифт.

**Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# БАҲОРУ ХАЗОНИ «РАЪНОИ КИНОИ ӮЗБЕК»

Раъной «Ӯзбекфилм» меноманд актрисаи номвар Тамара Ғаниеваро (фамилияи духтариаш – Шокирова). Бале, вай баъди иҷрои нақши Раъно аз филми таърихии «Зулматро тарк карда» (аз рӯи романи А.Қодирӣ «Каждум аз меҳроб», коргардон Йӯлдош Аъзамов) чун Раъно бештар маҳбубият пайдо кард. Тамара ҳабдаҳро пур карда, нав ба ҳаждаҳ қадам гузошта буд вақте картина ба навор бардошта мешуд. Вақт чи қадар зудгузар. Наздик ним аср гузаштааст аз миён. Бо қомати раъно, латофату назокати дилбарона дар филме, ки зикр гардид, мисле абадӣ муҷассам монд духтари боистеъдоди «Ӯзбекфилм». Ҳамчун Раъно...

Баъди нақши Раъноро «ба маром расонда» иҷро кардан, бо вуҷуди он ки ҳанӯз маълумоти касбии актрисагӣ надошт, Тамараро ба студияи «Ӯзбекфилм» қабул карданд. Маслиҳат доданд хонад. Як соли тамом омодагӣ дид ва соли 1974 ба шуъбаи ғоибонаи факултаи актёрии Институти театрӣ-рассомии Тошканд ба номи А.Островский дохил шуд. Ҳамзамон иҷрои нақшҳо дар картинаҳои гуногунро идома бахшид.

Фаъолияти Тамара дар соҳа хеле барвақт – ҳанӯз дар давраи мактабхониаш сар шуда, вай дар якчанд маҳсулоти «Ӯзбекфилм» нақшҳои эпизодӣ бозида буд. Ҳанӯз асное чаҳордаҳ сол дошт, бовар карда, ба вай нақши арӯсро супурданд. Ба хубӣ ӯҳда кард.

Филми «Дар ин ҷо сарҳад мегузарад» дар мавзӯи мубориза алайҳи босмачигарист. Дар мамлакати шӯроҳо бинандагони сершумор дар симои Тамара духтари зебои Шарқро дида ва ба латофаташ мафтун монданд. Дар филми «Нотарс» (1971) духтари ҷавон нақши ҳамсари раиси шӯрои деҳотро бозид, ки намехоҳад занҳо фаранҷӣ партоянд. Вале завҷаи ҷавонаш Гулсара ҷасорати ба худ дорад, ҷонибдори расму оинҳои нав аст.

Ба нимаи дувуми солҳои ҳафтодум омада, Шокирова ба ситораи тобноки кинематография табдил ёфт. Нақшҳои яке аз дигаре ҷолибтараш дар «Инсони дӯстдоштаи ман» (Саида), «Вохӯриҳои кӯтоҳ дар ҷанги тӯлонӣ» (Гулшод), «Ҷини ҳафтум» (Фирӯза), «Болотар аз абр» (Наргис), «Ин дар Қӯқанд рӯй дода буд» (Ҳалима), «Хона дар зери офтоби тафсон» (Ойдин) эътибори тамошобинони умумииттифоқро ба худ кашид.

Яке аз филмҳое, ки шуҳрати киноии Ӯзбекистонро дар доираи байналхалқӣ баланд бардошт, сериали «Роҳҳои пуроташ» (коргардон Ш.Аббосов) мебошад, ки аз тариқи телевизиони марказӣ (Маскав) намоиш ёфта буд. Дар он филм Т.Шокирова нақши Юлдузхон (завҷаи ҷавони Аҳмадбой)-ро бозидааст. Дар драмаи ҳарбии «Ленинградиҳо – фарзандони ман» (коргардон Дамир Салимов) ба Т.Шокирова нақши Хадича Ботироваро супурданд. Филм дар асоси воқеаҳои таърихии давраиҷангӣ (1942) ба сурат бардошта шудааст. Аз Ленингради муҳосирашуда тифлони зиёди ятим ва бепарастор ба Тошканд эвакуатсия карда шудаанд. Оила ва хонаҳои шафқат онҳоро қабул мекунанд. Яке аз занҳои ҷавоне, ки меҳру шафқат аз ятимон ва падару модар гумкардагон дареғ намедорад, Х.Ботирова мебошад. Вай дертар директори хонаи бачаҳо таъин гашт. Баъди ба итмом расидани ҷанг низ меҳру дӯстдорӣ бо тарбиятгирифтагон, агарчи ба балоғат расида, ҳаёти мустақилона ба сар мебаранд, идома дод. Гӯё исбот кардан хост, ки шафқатро оғоз ҳаст, анҷом нест...

Вай бо вуҷуди серкорӣ бо «Тоҷикфилм» ҳамкорӣ менамуд. Хусусан, нақши Мунира (аз «Асрори оила», коргардон Валерий Аҳадов, 1983) дар иҷрои Т.Шокирова эътибори тамошобинонро бештар ба худ кашид. Зимнан, дар киноасаре, ки аз рӯйи повести адиби тоҷик Юсуф Акобиров «Балоғат» ба навор бардошта шуд, «ансамбли ҳунарпешагони номдор»-ро дидан мумкин: Ато Муҳаммадҷонов, Шуҳрат Эргашев, Светлана Норбоева, Марям Исоева, Сайрам Исоева ва ҳоказо. Тавре ба назар мерасад, чеҳраи Т.Шокирова дар симои Мунира – воқеан тоҷикона.

Озарбойҷониҳо низ Тамараро дӯст дошта, ӯро «афсонаи киноии ӯзбек» номидаанд. Алалхусус онҳо нақшҳои ҷолиби ӯ аз «Афсонаи Хоразм» ва «Роҳҳои пуроташ»-ро бо эҳсос ба хотир меоранд. Дар «Озарбойҷонфилм» вай нақшҳои Наргис («Болотар аз абр»), Нигор («Арӯсдуздӣ»), ҳамсари Гомис («Поезди сурх»)-ро бозидааст. Артисти мардумии Озарбойҷон Холида Гулиева мегӯяд, дар ҷараёни ба сурат гирифта шудани яке аз филмҳо бо ӯ дар як ҳуҷраи меҳмонхона зиндагӣ карда, ба худ болидаву фахр мекардам, ки тақдир маро ба кӣ рӯбарӯ кард. Баъди «сёмка» ҳарду ба сайр мебаромадем. Чи қадар оддӣ ва хоксор буд Тамараи нозанин. Бо чӯпонҳо аз тахти дил суҳбат мекард. Баррачаҳоро сила ва навозиш менамуд...



Бале, дили бузург ва меҳрпарваре дошт Тамара. Вале чашмонаш хаёлангез. Ҳузне дар онҳо ниҳон...

Барои чӣ номаш Тамара?

Вай дар «оилаи интернатсионалӣ» ба дунё омадаву камол ёфтааст. Модараш Олга Гузенко, солҳои душвори баъдиҷангӣ аз Украина ба Ӯзбекистони офтобӣ кӯч баста ва дар ин ҷо бо Ҳалим Шокиров шинос шуда, бо ӯ хонадор шуда буд. Олга ва Ҳалим соҳиби се духтар ва се писар шуданд. Аз байни фарзандон як ман ба падар рафтаам, мегуфт Тамара. Вақте падарам аз кор баргаштанд, сахт ба оғуш мекашидам, падар низ гӯё ба ман дигар хел меҳр доштанд.

Шароити душвори моддӣ ҳукм меронд дар оила. Вақте Тамараи чаҳордаҳсола ба назари коргардон Алберт Хачатуров афтод ва дар филми ӯ нақш бозиду гонорар гирифт, рост ба магазин рафт: як қуттӣ шоколад харид. Модараш Олга шоколад ба даҳон андохт ва «ширинакам» гуфт Тамара рову ашк аз чашмонаш сарозер гашт. Тамараро лозим омад асноси ба навор бардоштани «Вохӯриҳои кӯтоҳ дар ҷанги тӯлонӣ» («Тоҷикфилм», 1975) мӯйҳои дарозашро қайчӣ занад. Лётчикдухтари тоҷик Гулшодро бозида буд вай. Ҷанг водор месохт духтарон мелаpo буранд, хусусан, лётчикдухтарҳо. Вақте аз Тоҷикистон бо мӯйҳои кӯтоҳ ба Тошканд баргашт, модар бо ҳаросу ҳайрат ба вай нигарист: «Мӯят канӣ?»

Аснои навори филми «Симурғ» (1973) Тамара ва Отабек Ғаниев (набераи Набӣ Ғаниев) ба ҳам шинос шуданд. Отабек ёвари коргардон буду аз иҷрогари нақши Зубайда чашм намеканд. Якдигарро дӯст доштанд. Вале ҳарду хонадон ба хонадоршавии ҷавонон сахт норозӣ. Дӯстдоштаҳо истодагарӣ карда, ниҳоят ба мақсад расидаанд. Аммо ҳаёти хушбахтонаи оилавӣ дер давом накард. Соли 1977, вақте Тамара ҳомила буд (баъдтар Райҳон таваллуд ёфт, ки ҳоло овозхони маъруф аст), Отабек оиларо тарк намуд. Соли 1985 чашм аз ҷаҳон пӯшид. Хеле вақт танҳо зиндагӣ кард Тамара. Аснои «сёмка» дар Ашқобод вай бо Сергей ном каскадёр аз наздик шинос шуд. Ба якдигар дил бастанд. Тамараро дӯст дошта, Сергей аз баҳри оилаи аввалааш баромад ва ба Тошканд омад. Чаҳор сол ҳамроҳ зиндагӣ карданд. Аснои навори яке аз филмҳо Сергей ба фалокат дучор омад. Аҳволаш вазнин. Духтурон натавонистанд наҷот диҳанд. Вақте Сергей ҷон таслим кард, Тамара фарзанди дувум дар батн дошт. Духтар таваллуд кард, ба вай Насиба ном гузошт.

Баъде киноро тарк кард, бештар танҳоӣ ҳис менамуд. Ва боз ҳис мекард, дур аз «дунёи кино» нафас гирифтанаш душвор. Ба назди роҳбари «Ӯзбеккино» рафт, ки ӯро, агар имкон ҳаст, дарбон таъин кунад. Роҳбар хоҳишашро қабул намуд ва «ситораи тобноки кино» як муддат дар Хонаи кино дарбонӣ намуд. «Дӯстонам механдиданд», мегуфт Тамара бо оби чашм.

Дар солҳои охири умр шукри фарзандон мекард, ҳарчанд ҳаёт аз имтиҳони сахт гузаронда ва шиканҷаҳо медод. Хусусан, бо Райҳоне, ки соли 2002 беҳтарин овозхон эътироф гардид, мефахрид. «Райҳон – маънии зиндагиам», мегуфт вай. Лоиҳаҳо, ҳатто «костюм»-ҳои ӯро худаш омода месохт. Дар панҷоҳсолагиаш ба вай бемории саратон печид. Чанд сол мардона алайҳи он истодагарӣ кард. Дар рӯзҳое, ки Райҳон дар «Дӯстии халқҳо» консерт медод, вазнин шуд. 22 феврали соли 2012, дар синни 56 чашм аз ҷаҳон пӯшид.

Дар пиндошти мухлисони сершумораш вай ҳанӯз «Раънои киноии ӯзбек» аст.

**М. ШОДИЕВ.**

## 27 июн – Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ

# ҲАНГОМАИ РӮЗНОМАНИГОРОН

### МӮЪҶИЗА

Дар арафаи иди ходимони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ дар идораи "Гулобод тонги" мӯъҷиза рӯй дод. Аниқтараш, котиби масъул Тошпӯлод Юсуфов ба тарзи ноанъанавӣ сабзид. Тошпӯлод пай бурд, ки сабзиши гул ба навиштаҷоти арабӣ шабоҳат дорад. Дигар ҳамкорон низ фикри ӯро тақвият доданд.

– Шумо инсони худогӯ худотарс ҳастед, – гуфт ҳисобдори рӯзнома Назифа, – барои ҳамин маҳз кактуси кабинети шумо чунин намуд гирифтааст. Вале ҳамин навъ кактус дар кабинети мо рост рӯйидааст.

– Ин мӯъҷиза, – изҳор дошт муҳаррир Нормурод Каримзода. – Аҷоиботи табиат ба кас илҳом мебахшад.

– Ин гул сахт тарсидагӣ, – бо оҳанги қатъӣ гуфт ҳуруфчин Азиза. – "Агар сар боло кунам, аз болоям оби нос" меояд, гуфта аз тубак берун шудагӣ. Тошпӯлодамак рӯза медоранд, намоз мехонанд, барои ҳамин ба калимаи "Аллоҳ" монанд аст.

– Шумо инсони худоназаркарда будаед, – ба гул нигариста гуфт мухбири ҷамоатӣ, шоира Гуландом, ки ҳуруфи арабиро хуб медонист. – Дурусттар зеҳн монед, вожаҳои "Аллоҳ", "Илоҳ" ва "Бисмиллоҳ" монанданд.

Чаро чунин шакл гирифтани гул ҳанӯз маълум нест.

### ОДАМИ ХУБ БУДАНД...

Собиқадори соҳаҳои маориф ва матбуот, шоир Мирсафо Камолӣ мухлиси доимӣ ва дилсӯзи рӯзнома аст. Аз ҳама пеш ба рӯзнома обуна мешавад ва ҳамдеҳагонашро низ ба ин кор ташвиқ мекунад. Нисбати рӯзномаи «Гулобод тонги» бефарқ нест. Ҳар ҳафта, баъди мутолиаи рӯзнома занг зада, фикрашро баён мекунад.

Ҳангоми воҳӯрӣ бо ходимони идораи мо ӯ аз вазъи саломатии наздиконаш, ки онҳоро ба хубӣ мешиносад, пурсон мешавад.

– Падари шумо, Худо раҳмат кунад, устоди ман буданд, – гуфт боре ба ҳисобдори рӯзнома Назифа. – Овози хуб доштанд.

– Ҳа, дуруст гуфтед, – аз илтифоти Камолӣ хурсанд шуд ҳисобдор, – дар хона сурати шумою падарам ҳаст. Шумо ҳам аз деҳаи модия.

Рӯзе поччои Назифа аз олам гузашт. Ӯ бо либоси азодорӣ ба кор омад. Мирсафо Камолӣ чун одат ба ҳар кабинет сар халонда, аҳволпурсӣ мекард. Ҳангоми воҳӯрӣ бо Назифа худро ғамгин вонамуд кард.

– Худо ба шумоён сабр диҳад, – ҳамдардӣ изҳор намуд Камолӣ. – Раҳматӣ одами хуб буданд. Аз дасти банда ҳеҷ кор намеомадааст. Ҳамаамон дар ин дунё – меҳмон.

*Ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

Аз марг ҷойи гурез нест, хоҳарам. Бардам шавед.

Камолӣ хайрухуш намуда, аз дар берун баромад ва пас аз фурсате дарро кушода гуфт:

– Дилрабо, як дақиқа шуморо мумкин?

Вақте ман берун баромадам, дарро пӯшида, оҳистекак пурсид:

– Ойтӣ ба кӣ азо доштагӣ?

– Муаллим, ҳозир худатон ҳамдардӣ изҳор карда, гуфтед, ки одами хуб буданд.

– Акнун ҳамин хел нагӯям намешуд-дия. Падарашон устод ва ҳамдеҳаи ман. Хешу табори устод аз олам гузаранду ман бехабар монам, айб-дия.

– Поччояшон вафот кардагӣ...

– Мешиносам, мешиносам, дар ҳақиқат одами хуб буданд. Афсӯс...

### ҲАР ЧӢ ГУФТ, «ҲА» ГУФТАМ...

Омӯзгор ва услубшиноси собиқадор Исматулло Аҳроркулов гоҳ-гоҳ хабару мақола менавишту ба таҳририят меовард ва он рӯйи чопро медид. Ӯ чунон тез гап мезанад, ки агар бодиққат гӯш накунед, мақсадашро намефаҳмед.

– Дилрабо, акнун ба забони ӯзбекӣ ҳам мақола навиштаниам, – гуфт рӯзе. – Аз кӣ маслиҳат пурсам?

– Аз котиби масъули рӯзнома Тошпӯлод Юсуфов! – ҷавоб додам ва корамро давом додам.

Одатан мулоқоти Тошпӯлод Юсуфов бо мухбирони ҷамоатӣ бо баҳсу талош сурат мегирифт. Овози ӯ ҳатто аз беруни идора ҳам шунида мешуд. Ин дафъа ин хел нашуд.

– Тошпӯлодака одами аҷоиб будан-а? – гуфт баъди баромадан Исматулло. – Маслиҳат пурсам, гап намезананд. Ба ҳама фикрам розӣ шуданд. Пагоҳ мақола навишта меорам.

Баъди рафтани Аҳроркулов Тошпӯлод Юсуфов гуфт:

– Исматуллоака одами аҷиб будаст-а? Гапи ӯро чӣ хел мефаҳметон? Агар ягонта гапашро фаҳмида бошам. Ҳар чӣ гуфт, «ҳа» гуфта, сар ҷунбондам!

### «БАРАКА ЁБЕД»

Баъди ҷамъомади навбатӣ мақолаҳои мухбири ҷамоатии рӯзнома Ҳоҷӣ Қамар Муаззамов мавриди муҳокима қарор гирифт.

– Дар ҳар шумора навиштаҳои Ҳоҷӣ Қамар Муаззамоворо додан мумкин не! – хитоб кард муҳаррир Нормурод Каримзода. – Агар мақолаи зарурӣ бошад, гапи дигар.

– Ман ҳам дилгир шудам, муаллим, – асабиёна изҳор дошт Тошпӯлод Юсуфов, – ҷумлаҳо по дар ҳаво, фактҳо нопурра. То таҳрири он хуни ҷигар мешавам!

Ин вақт Ҳоҷӣ Қамар Муаззамов ба идора омад. Ӯро ба маҷлис даъват намуда буданд.

Меҳмон чун одат даст ба дуо бардошт. Тошпӯлод Юсуфов, ки хеле асабӣ буд, ба ӯ ало-ало нигоҳ мекард, ки зудтар даст ба рӯй кашида, ба мақсад гузарад.

– Ҳоҷибобо, ҳозир масъалаи навиштаҳои шуморо муҳокима менамудем, ки худатон омадед, – гуфт Тошпӯлод. – Ба марди танҳо душвор, мефаҳмем. Аз сиҳӣ когазро сиёҳ мекунед. Дар пирӣ, ба қавли халк, ин «эрмак». Лекин мо дар таҳрири он азоб мекашем...

– Раҳмат ба шумо! Илоҳо, ҳоҷибобо шавед!

– Муллоамак, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд ҳуруфчин Азиза. – Хатҳатонро базӯр хонда, бо азоби чоп мекунам...

– Барака ёбед!

– Гӯш кунед, муллоамак, – суханашро давом дод Азиза, – баъди чоп навиштаҳоятон ба лолазор табдил меёбад. Тошпӯлодамак таҳрир мекунанд. Вақти ислоҳ аз диққат кардану хондани он оби чашмонам меравад.

– Барака ёбед!

– Илтимос, ҳоҷибобо, барои худатон машғулоти дигар ёбед, – хоҳиш намуд Тошпӯлод. – Аз таърифи гиёҳо дилгир шудем!

– Хуб-хуб, – даст рели бар гузошта нимхез шуда, таъзим намуд Ҳоҷӣ Қамар Муаззамов. – Акнун дар бораи гиёҳо наменависам. Дар бораи анор навишта омадам!

**Дилрабо НАСИМӢ,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

*Навниҳолони боғи матбуот*

# АСАЛДУХТАРИ РӮЗНОМА



Ҳар боре, ки, Асалой Сархатзода ба идораи рӯзномаи "Овози Самарқанд" меояд, кормандони таҳририят " Асалдухтари рӯзнома омад" гӯён, ӯро хуш истиқбол мегиранд. Аз ҷумла навозиш вай курта-курта гӯшт мегирад.

Воқеан, ӯ духтараки чеҳраханддону ҳозирҷавоб, пуркору пухтакор, хушгуфтор, яъне исмаш ба ҷисмаш монанд буда, ба эҳтироми аҳли ҷамоа соҳиб шудааст.

Ёд дорам, бори нахуст ӯро ду сол қабл дар идораи рӯзномаи "Гулобод тонги" дида будам, ки бо муҳаррир сӯҳбат дошт.

– Ҳамин духтарак мақолаҳои хуби тоҷикӣ менависад, – мусоҳибашро муаррифӣ кард муҳаррир Нормурод Каримзода ба когазеро дароз карда гуфт:

– Гирумонаш бад нест. Як лавҳачаи аҷоиб овардааст.

Рости гап, баъди мутолиаи лавҳа ба ҳақ будани сухани муҳаррир боварӣ ҳосил кардам.

Вақте Асалой дар синфи ёздаҳуми мактаби таълимӣ ҳамагонии рақами 39-уми зодгоҳаш таҳсил мегирифт, омӯзгори забони модарӣ ва адабиёт Манзура Ӯроқова барои ба матбуоти даврӣ дилгарм кардани шогирдон, дар мавзӯи "Рӯзномаи дӯстдоштаи ман" иншо навиштанро супориш дод.

Асалой зуд хомаро ба даст гирифта, дар бораи "Овози Самарқанд" навишт ва ҳатто ному насаби рӯзноманигоронро як-як зикр намуд. Ин бесабаб набуд, зеро аксарияти омӯзгорону талабагон ба ин рӯзнома обуна буданд ва Асалой ҳар як шумораи онро бо шавқи тамом мехонд. Сипас, мақолаи худро бо пешниҳоди муаллима Дилсора Зиёева ба идораи "Овози Самарқанд" фиристод. Аз байн чанд рӯз гузашту нахустин маҳсули қаламии Асалой рӯйи чопро дид.

Баъдан ӯ бо дастгирию раҳнамоӣ ва маслиҳатҳои журналистони варзида, эҷодкорони бомаҳорат Нормурод Каримзода, Тоҷиддин Азимзода, Асадулло Шукуров, Озод Ҳамидзода, Дилрабо Насимӣ ва дигарон барои омӯхтани асрори эҷод ва такмили маҳорати худ ҷиддан машғул гардид. Дар фазои маҷозӣ бо шоиру нависандагон, аҳли адаби гӯшаву канори кишвар чун Абдулло Субҳон, Юнуси Имомназар, Хусрави Саъдуллоҳ ва дигарон тамос гирифта, аз онҳо маслиҳатҳои судманд мегирифт.

Ин ҳама саъю кӯшиш бенатиҷа намонд. Дар фурсати кӯтоҳ ба мухбири фаъол табдил ёфт.

Соли гузашта номаи камол гирифту ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳуҷҷат супурда, аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузашт.

Асалой дар баробари таҳсил, бо рӯзномаҳо ва Хонаи эҷодии таъбу нашри «Маҳорат» ҳамкорӣ дорад, дар маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» фаъолияти меҳнатиашро идома медиҳад.

– Асалой мусаҳҳеҳи чанд китоб аст, – гуфт сармуҳаррири маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» Асадулло Исмоилзода. – Барои чопи бехато ба хуштарҳ баромадани китобҳо саҳм мегузорад. Умед аст, ки дар оянда аз журналистони номдори Самарқанд шуд.

Бояд гуфт, ки намунаҳои эҷодаш дар баъзе эҷодкорони ноҳияи Самарқанд "Гулободнома", маҷаллаи "Дурдонаи Шарқ" ва нашрияҳои дигар рӯйи чопро дидаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**узви Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон.**

# ЖУРНАЛИСТ

*Ҷӯръати номусу нангу ор дорад журналист,*
*Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист.*

*Журналистӣ бо чароғи дил ҷаҳонро дидан аст,*
*Журналистӣ хондану фаҳмондану фаҳмидан аст.*
*Журналистӣ бо фаросат гуфтану бишнидан аст,*
*Ҳафт раҳ чен карда, як раҳ бо хирад бибридан аст.*
*Журналистӣ дар ҳама ҳангома нотарсидан аст,*
*Лек ҳангоме намедонӣ, яқин, пурсидан аст.*
*Журналистӣ дар вуҷуди мурда ҷон бахшидан аст,*
*Офтобосо ба чашми халқи худ рахшидан аст.*

*Дасти поку хулқи нотакрор дорад журналист,*
*Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист.*

*Журналистӣ касби нумрӣ як бувад андар ҷаҳон,*
*Ҳеҷ кирдоре зи чашми ӯ наменомад ниҳон.*
*Журналистӣ бештар донистан аст аз ҳар ҷиҳат,*
*Дарду доғи халқро ӯ бо қалам созад сиҳат.*
*Журналистӣ поквиҷдон, покимон будан аст,*
*Халқро осуда гардонида, худ ноосуда ан аст.*
*Журналистӣ ифтихор аст, ифтихор аст, ифтихор,*
*Инчунин касби муқаддасро набояд кард хор!*

*Гарчи андар қалби худ сад хор дорад журналист,*
*Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист.*

**ХАЙРАНДЕШ**

# ҲАМНАФАСИ МАРДУМ

***Бо ташаббуси роҳбари давлат дар ҷамъият ба ташаккул додани муҳити ошкорбаёнӣ, рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ, таъмини озодии воситаҳои ахбори оммавӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Аз ҷумла, дар тӯли панҷ соли охир барои дар шароити нав ва муҳити озод эҷод намудани ҷамоаи рӯзномаҳои "Халқ сӯзи" ва "Народное слово" имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд.***

Ба қарибӣ дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон бо ҳамдастии Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон, Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавии Ӯзбекистон, Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ, таҳририяти рӯзномаҳои "Халқ сӯзи" ва "Народное слово" бахшида ба 30-солагии таъсисёбии рӯзномаҳо ва тақдимоти китоби "Роҳ ба қалби халқ" чорабинӣ баргузор гардид.

Рӯзномаҳои "Халқ сӯзи" ва "Народное слово" аз соли 1991, баъди истиқлолиятро ба даст даровардани мамлакатамон ба фаъолият шурӯъ намудаанд.

– Рӯзномаҳо дар ин давраи фаъолияти худ дар баробари халқамонро аз ҳаёти сиёсии мамлакат хабардор намудан, вазифаи фаҳмонда додани давраҳои таърихии роҳи тараққиёт, корҳои олиҷаноб ва дастовардҳои бузурги мардумро ба дӯш гирифтааст. Тавассути ин рӯзномаҳо оиди ҳуҷҷатҳои муҳими сиёсӣ, рӯйдодҳо ва ташкил ёфтани давлати нави мустақил – Ӯзбекистони Нав саривақт хабардор мегардем. Рӯзномаҳо барои муҳокимаи лоиҳаи Конститутсияи мамлакат минбари асосӣ буда, дар саҳифаҳои он ҳуҷҷатҳои меъёрии муҳим, ки давраи нави тараққиёти ҳамаи соҳаҳоро дар худ таҷассум намудаанд, чоп гардид. Суҳбат, лавҳа, репортаж, очерк, шарҳ ва дигар материалҳои сиёсиву иҷтимоӣ аз ҷониби хонанда хуб пазируфта шуданд, – гуфт дар баромади худ раиси Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон Олимҷон Ӯсаров.

Дар чорабинӣ директори Агентии ахбори миллии Ӯзбекистон Абдусаид Кӯчимов, ректори Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавии Ӯзбекистон Шерзод Қудратхӯҷаев, ректори Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд Гулчеҳра Рихсиева ва дигар зиёиёну фидоиёни матбуот фикру мулоҳизаҳои худро бахшида ба роҳи тайкардаи рӯзномаҳои мазкур баён намуданд.

– Рӯзномаҳои "Халқ сӯзи" ва "Народное слово" дар тӯли фаъолияти сисолаи худ чанд роҳу пайроҳаҳо ва ағбаҳоро пушти сар гузоштанд. Қудрати сухан чунон бузург аст, ки метавонад миллионҳо нафар одамонро ба роҳи сулҳ, дӯстӣ, ватанпарварӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ ҳидоят намояд, дар ҳаллу фасли масъалаҳои мушкили ҳаёти мардум ҳиссаи худро гузорад. Солҳои донишҷӯӣ ба таҳририяти рӯзнома зуд-зуд меомадем. Барои интихоб намудани касби журналистӣ рӯзномаҳои мазкур мактаби маҳорат буданд. Сармуҳаррири рӯзномаҳои «Халқ сӯзи» ва «Народное слово» Ӯткир Раҳмат ва ходимони фидоии онро бо ин санаи муборак табрик мегӯям ва дар роҳи тарғибу ташвиқи маърифату маънавият барояшон комёбиҳо таманно дорем, – гуфт Ш. Қудратхӯҷаев.

Ҳамчунин муҳаррирони як қатор нашрияҳои даврии вилоятиву ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар чорабинӣ тариқи онлайн иштирок карданд. Аз ҷумла, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қобилҷон Хушвақтзода таъкид намуд, ки рӯзнома ҳамон вақт маҳбубият пайдо мекунад, ки дар дили халқ ҷой гирифта тавонад. Рӯзномаҳои мазкур даҳҳо шоиру нависанда, журналист, омӯзгор ва зиёиёни фидоиро ба камол расондаанд. Ҳайати таҳририяти рӯзномаҳоро инчунин бо рӯзи коркунони воситаҳои ахбори оммавӣ табрику таҳният мегӯям.

Сармуҳаррири рӯзномаҳои "Халқ сӯзи" ва "Народное слово", шоир Ӯткир Раҳмат ба иштирокдорон ва меҳмонон барои суханҳои самимиашон миннатдорӣ изҳор намуд.

– Нашрияҳо на фақат дар нигоҳ доштани забони тозаи адабӣ, балки дар ғанӣ гардондани қоида ва меъёрҳои забон саҳм мегузоранд, ба насли ҷавон забон меомӯзанд. Ходимони рӯзномаҳо инсонҳои фидоии касби худ буда, бо ҳалолӣ, ростгӯӣ, меҳнатдӯстии худ дар байни ҷамоа ба ҳурмату эҳтиром сазовор гардидаанд. Ба муносибати ҷашн фотоалбоми "Бо халқ ҳамнафас" ва китоби "Роҳ ба қалби мардум" -ро нашр намудем, ки дар он на танҳо меҳнати фидокоронаи ходимони нашрияҳои мазкур, балки ҳаёт ва фаъолияти ибратпазири инсонҳои пешқадами мамлакат, соҳибкорон, зиёиён акси худро ёфтааст. Зеро кору фаъолияти таҳририят ба тараққиёти мамлакат вобастагии қавӣ дорад, – гуфт Ӯ. Раҳмат.

Дар поёни чорабинӣ тақдимоти фотоалбоми "Бо халқ ҳамнафас" ва китоби "Роҳ ба қалби мардум" баргузор гардид.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ҷорӣ кардани вазифаи ёварони ҳоким ва чӣ гуна зарурат пайдо кардани ин вазифа дар панҷ моҳи гузашта исботи худро ёфт. Дар панҷ моҳи гузашта аз тарафи ёварони ҳоким дар 784 маҳаллаи вилояти Намангон 140 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда, ба 190 ҳазор нафар шаҳрвандон субсид ва 7 ҳазору 300 нафар шаҳрвандон 150 миллиарду 300 миллион сӯм кредит ҷудо карда шуд.***

# ШИНОСОӢ БО ФАЪОЛИЯТИ ЁВАРОНИ ҲОКИМ

Ба қарибӣ бо ташаббуси ҳокимияти вилоят ва Садорати рушди иқтисодӣ ва кам кардани камбағалӣ барои шинос шудан бо фаъолияти ёварони ҳоким барои журналистон ва блогерҳо пресс-тури дурӯза барпо гардид.

Ташрифи нахустини иштирокчиёни чорабинӣ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Яккасадаи шаҳри Намангон буд. Онҳо дар минтақаи саноати хурди «Баркамол авлод» бо фаъолияти мономаркази маҳаллаи номбурда шинос шуданд.

– Дар мономарказамон баробари дигар касбу ҳунарҳо забони куриёӣ низ омӯзонида мешавад. Пас аз омӯхтани забон ҷавонон метавонанд ба Куриё рафта кор кунанд, – гуфт ёвари ҳоким дар маҳаллаи Яккасада Мубошир Аҳадов.

Дар ноҳияи Уйчӣ 56 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо вуҷуд дошта, бо ёрии ёварони ҳоким ба 14 ҳазор нафар шаҳрвандон ҷойи нави кор фароҳам оварда шудааст. Иштирокчиёни пресс-тур дар маҳаллаи Хӯҷаобод аз сехи масолеҳи чиннисозӣ дидан карданд.

Маҳалли боздиди навбатии иштирокчиён дар маҳаллаи Бунёдкори ноҳияи Янги Намангон буд.

– Қисми асосии бошандагони маҳаллаамон бештар бо токпарварӣ ва дӯзандагӣ машғул мешаванд. Бо ҳамин барои 550 нафар сокинони маҳаллаамон ҷойи нави кор ба вуҷуд омад, — гуфт ёвари ҳоким дар маҳаллаи Бунёдкор Шерзодбек Сулаймонов.

Чодак яке аз деҳаи бағали қаторкӯҳҳои Чотқолу ноҳияи Попи вилояти Намангон ба шумор меравад. Иштирокдорон бо салоҳияти сайёҳии деҳа, ки табиаташ бетакрору рӯзҳои тобистон соявӣ салқин аст, инчунин ба ҷамоати шаҳрвандони Ороми ноҳия, ки дар он 81 гектар гармхона фаъолият нишон медиҳад, шинос шуданд. Онҳо ба ноҳияҳои Учқӯрғон, Косонсой ва Давлатобод рафта, фаъолияти ёваронро аз назар гузаронданд.

**А.МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4812 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.